«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори ДМТ,
профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________
«22» __________ 2023 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ба диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи «Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09 .00.03 – таърихи фалсафа.**

Диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи «Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик», дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омода шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ ва маҷлиси васеи Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима ва аз даври якум ва дуюми экспертиза гузаронида шуда, барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷоновичро дар мавзуи «Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик» мавриди муҳокима қарор дода, хулосаи зеринро қабул намуд:

Диссертатсия ба яке аз мавзуҳои мубрами таърихи фалсафа бахшида шуда, барои дарки моҳият ва мазмуни баробарии иҷтимоӣ муҳим

мебошад. Мусаллам аст, ки вазъи иҷтимоӣ-сиёсии замони муосир дар худ масъала ва равандҳои гуногунро касб намудааст, ки онҳо аз бухронҳои гуногун, афзоиши падидаҳои номатлуби тундгароиву ифротгароӣ, рақобатҳои иқтисодӣ ва ғайра иборат мебошанд, ки ба таъмини адолат ва баробариҳои иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонида метавонанд. Дар ин замина, масоили марбут ба таъмини баробарии иҷтимоӣ ва адолати иҷтимоӣ аз ҳарвақта дида мубрамияти тоза касб менамоянд.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки вазъи кунунии ҳаёти ҷамъитӣ, тамоюлҳои бисёрҷанба ва шумораи зиёди мушкилиҳои иҷтимоӣ ва баробариву адолати иҷтимоиро ба вуҷуд овардааст. Гарчанде масъалаи мазкур дар ҳар давру замон таваҷҷуҳи аҳли илму андешаро ба худ ҷалб карда бошад ҳам, вале то замони имрӯз паҳлӯҳои мухталифи он аҳамияти худро нигоҳ доштаанд. Дар ин замина, диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи «Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик» қадами навбатии пурракунандаи масъалаи баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ дар таърихи афкори фалсафию иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Хотирнишон бояд кард, ки диссертатсия ба омӯзиши баробарии иҷтимоӣ дар таърихи афкори фалсафии мардуми тоҷик, аз давраи бостон то асрҳои миёна, бахшида шуда, муаллифи он кушиш намудааст, ки то раванди таҳаввули ин зуҳурроти иҷтимоиро дар масири таърих таҳқиқ намояд. Аҳамияти баррасии мавзуи мазкур дар он аст, ки дар ҳар давру замон дар ҷомеа аз лиҳози сиёсиву иқтисодӣ нобаробариҳои зиёде арзи вуҷуд кардаанд ва сабаби нооромиҳои иҷтимоӣ гардида, ба инқилобҳо ва сарнагуншавии давлатҳо боис гардидаанд.

Дарҷаи омӯзиши мавзуъ тариқи методологияи дурусти илмӣ коркард гардида, арзиши таҳқиқотҳои анҷомшуда муайян ва тафовути кори таҳқиқотии пешниҳодшуда нишон дода шудааст. Аз маълумотҳои пешниҳоднамудаи диссертант бар меояд, ки масоили зиёде ҳастанд, ки ҳанӯз ҳам таҳқиқталаб ва муҳим барои илм ва ҷомеаи муосир мебошанд.

Асосҳои назариявии таҳкикоти диссертатсиониро таҳкикотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, файласуфон, антропологҳо, равоншиносон ва ҷомеашиносон ташкил доданд, ки ба мақсад мувофиқ мебошанд.

Дар раванди таҳқиқот диссертант аз методҳои таҳқиқии мантиқӣ, муқоисавӣ ва таърихӣ, ҳамзамон, методҳои таҳқиқии умумиилмӣ ва муқоисавии илмӣ ба таври васеъ истифода намуда, масъалаҳои гузошташударо таҳлил ва хулосаҳои илмӣ пешниҳод кардааст.

Бахши навоварии илмии таҳқиқот низ ҷавобгӯ ба талаботҳои илмӣ мебошад. Таҳлили асосҳои назариявии масъалаи ташаккули идеали баробарии иҷтимоӣ дар таърихи фалсафаи тоҷик тариқи методологияи дурусти илмӣ матраҳ гардида, бори аввал мавзуи рисолаи мазкур дар ҳаёти ҷамъиятии даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон таҳлили худро пайдо кардааст. Мушаххасан навгонии диссертатсияро метавон ба тариқи зерин баён кард:

- диссертант тавонистааст моҳияти баробарии иҷтимоиро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ баррасӣ намуда, онҳоро асоснок намояд;

- таҳаввули диду назарҳои илмиро оид ба моҳияти арзишҳои адолати иҷтимоӣ баррасӣ кунад;

-омилҳои муҳими таъсиррасон ба ташаккули арзишҳои баробарии иҷтимоӣ дар муҳити ҷомеаи тағйирёбанда нишон диҳад;

- алоқамандии баробарии иҷтимоӣ ва адолати иҷтимоӣ ва муносибатҳои истеҳсолии ҷомеа дар шароити муосир нишон дода шудааст;

- муайян кардааст, ки ташаккулёбӣ ва рушди баробарии иҷтимоӣ аз вижагиҳои мушаххаси муҳити иҷтимоӣ вобастагӣ дорад;

- муайян намудани ҷойгоҳи “баробарии иҷтимоӣ” дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ аз рӯи нуқтаи назари файласуфони аҳди бостон ва асрҳои миёнаи тоҷик;

- баррасӣ ва арзёбии масъалаи идеяи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти динҳои аҳди бостон ва мактабҳои фалсафию динии асримиёнагии тоҷик (фалсафаи калом, исмоилия, тасаввуф, машшоия);

- муайян намудани дараҷаи таъсири зинаҳои шуурнокии иҷтимоӣ ба рушди муҳити иҷтимоӣ;

- арзёбии тавсифи масъалаи озодӣ, гуманизм ва идеяи "шоҳи одил" ҳамчун асоси баробарҳуқуқӣ дар таълимоти машшоия;

- нишон додани нақш ва ҷойгоҳи дин, илму маърифат ва ахлоқи ҳамида ҳамчун омилҳои калидӣ барои таъмини адолат, озодӣ ва баробарӣ дар фалсафаи калом;

- омӯхтани таъсири ҷаҳонбинии фалсафӣ ва назариявӣ дар бораи ҳуқуқ ва сиёсати иҷтимоӣ дар таърихи Шарқ;

- ташхиси ғояи баробарӣ дар таълимоти намояндагони аҳли тасаввуф;

- таҳлили алоқамандӣ ва таносуби мафҳумҳои «баробарӣ» бо "адолат" дар таърихи фалсафаи тоҷик.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми ҳамаҷониба таҳқиқ ва баррасӣ намудани мавқеъ ва ҳолати арзишҳои баробарии иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷомеа ва инчунин баррасии масъалаҳои назарии осори олимони ҷомеашинос оид ба ин масъала ба таври васеъ метавон истифода намуд. Илова бар ин, натиҷаҳои пешниҳодшударо дар мавриди омӯзиши ҳаёти маънавии ҷомеаи мо, ки давраи хеле ҳассосу мураккаби дигаргуниҳои фарҳангию сиёсиро пушти сар менамояд, метавон аз нигоҳи амалӣ истифода бурд. Бозёфту хулосаҳои таҳқиқи мазкурро зимни таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар ҷомеа, таълифи асарҳо ва воситаҳои таълимӣ дар самти илми фалсафа ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект ва предмет, таҳлили сарчашмаҳо, коркард ва таҳлили масъалаҳои гузошташуда дар диссертатсия мувофиқи талаботҳои муайянгардида иҷро карда шудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи «Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа пешниҳод гардидааст, аз рӯйи мазмуну мундариҷа ва муҳтавои худ бо ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мувофиқат менамояд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд. Автореферат, монография ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос мекунанд.

Диссертант вазифаҳои дар диссертатсия пешбинишударо ба пуррагӣ иҷро намуда, хулосаҳои асосноки илмӣ пешниҳод кардааст. Аз ҳамин хотир, таҳқиқоти анҷомдодаи ӯро метавон кори мустақилонаю баанҷомрасида донист.

Номи мавзуъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мувофиқ буда, бо “Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандии зич дорад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи «Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, мувофиқ ба талаботҳои муайянгардида ба диссертатсияҳои номзадӣ буда, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 17 майи соли 2023 қабул карда шудааст.

Дар маҷлис15 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 15 –нафар; «муқобил» – нест; «бетараф» – нест. Суратмаҷлиси №10/1 аз 17 майи соли 2023.

**Мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент** **Амирхон Ш.Т.**

**Котиби ҷаласа, дотсенти кафедра** **Холова А.А.**

**Имзои Ш.Т. Амирхон ва А.А.Холоваро тасдиқ менамоям:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Э.Тавкиев**

17.05.2023